ШАРТҲОИ КОРКАРД ВА НИГОҲДОРИИ МАЪЛУМОТИ ШАХСӢ

Ман ба он розигӣ медиҳам, ки ҶСП ТАҚХ “Ҳумо” (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев, 148/1) (минбаъд – ТАҚХ), маълумоти шахсиамро коркард менамояд.

Розигии мазкур барои мақсадҳои зерин дода мешавад: пешбурди хизматрасониҳои ТАҚХ ва ё шахсони сеюм дар бозор бо тамоси бевосита бо ёрии алоқа, ба даст овардани маълумоти тарғиботӣ тавассути почта ва шабакаҳои алоқаи барқӣ (аз ҷумла тавассути телефон, алоқаи мобилӣ ва почтаи электронӣ), қабули аз ҷониби ТАҚХ қарор оид ба имконпазирии бастани шартномаҳо оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ ва ба маълумоти зерин паҳн мегардад: насаб, ном, номи падар, сол, моҳ, сана ва ҷойи таваллуди ман, ҷинс, маълумотҳои шиноснома ва дигар маълумотҳои ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, суроғa (қайд, ҷои истиқомати воқеӣ), акси сурат ва видео, вазъи оилавӣ ва молу мулкӣ, сатҳи маълумот, касб, маълумот дар бораи шуғл, даромаду хароҷот, рақами телефон (мобилӣ, статсионарӣ, корӣ) (минбаъд – Маълумоти шахсӣ).

Зери коркарди Маълумоти шахсӣ анҷомдиҳии аз ҷониби ТАҚХ амалиётҳо бо Маълумоти шахсӣ, аз ҷумла ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ, андӯхт, нигоҳдорӣ, аниқкунӣ, истифодабарӣ, интиқол, боздорӣ, нобудсозӣ, аз ҷумла системаҳои иттилоотии ТАҚХ фаҳмида мешавад.

Розигии мазкур ба муҳлати номаҳдуд эътибор дорад, ва метавонад ҳар вақт бо роҳи ирсоли дархости хаттии дахлдор ба ТАҚХ бозхонд карда шавад.

Дар сурати бозхонди розигии мазкур барои коркарди маълумоти шахсии худ ТАҚХ уҳдадор аст коркарди Маълумоти шахсиро қатъ намояд ва онҳоро дар муҳлати на зиёда аз 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи қабули чунин дархост, ғайр аз маълумоти зарурӣ барои нигоҳдорӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ нобуд созад.

ТАҚХ ҳуқуқ дорад Маълумоти шахсиро ба шахсони сеюм, ки рӯйхати онҳо дар сомонаи ТАҚХ дар суроғаи www.humo.tj ҷойгир мебошад, аз ҷумла ба ташкилотҳое интиқол намояд, ки ба ТАҚХ хизматрасониҳои оид ба дастгирӣ ва мушоиати системаҳои иттилоотӣ ва захираҳои шабакаи корпоративии барои коркарди маълумоти шахсӣ пешбинишуда, пешниҳод менамоянд.

Ман шинос шудам, ки коркарди Маълумоти шахсӣ бо истифода аз усулҳои асосии зерини коркарди Маълумоти шахсӣ анҷом дода мешавад: автоматикунонидашуда ва ғайриавтоматӣ.

Ҳамчунин ман ба ТАҚХ розигӣ медиҳам, ки аз ҳар Бюрои таърихи қарзӣ ҳисоботҳои қарзиро, ки дар асоси таърихи қарзии ман бо мақсади қабул намудани аз ҷониби ТАҚХ қарори оид ба имконияти пешниҳод намудани қарз (муқаррар намудани меъёри қарздиҳӣ)/тартиб додани аз ҷониби ТАҚХ пешниҳодҳои шахсӣ оид ба қарздиҳӣ таҳия гардидаанд, қабул намояд.

_____ /_____/ Сана: __.__.____ сол